«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.____________________

«23» ______________________ соли 2026

# ХУЛОСАИ

## кафедраи сотсиологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи доктории Мирзода Фирӯз Сафаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва нақши он дар рушди устувори ҷомеаи муосири Тоҷикистон (таҳлили сотсиологӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.4.3. – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ (илмҳои сотсиологӣ), дар кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

Мирзода Фирӯз Сафаралӣ соли 2003 факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси фалсафа хатм намудааст. Диссертант аз соли 2003 дар факултети фалсафа ба ҳайси ассистент, унвонҷӯ, муаллими калон, дотсент, ҳамзамон, муовини декан оид ба илм ва мудири кафедраи сотсиология кор карда, аз моҳи декабри соли 2025 то имрӯз дар вазифаи дотсенти кафедраи сотсиология ва муовини декан оид ба корҳои тарбиявӣ фаъолият дорад. Соли 2016 рисолаи номзадии худро дар мавзуи “Вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи демократӣ” ҳимоя намуда, соҳиби дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа гардидааст.

Аз 01.12.2023, то ҳол ҳамчун унвонҷӯй-доктoранти кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Мавзуи диссертатсия бо қарори Шурои олимони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз 12.12.2018, суратмаҷлиси №5 ва қарори Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз 27.11.2023, суратмаҷлиси №5 тасдиқ шудааст.

Мушовири илмии диссертант – узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор Шоназар Шоисматуллоев мебошад.

Диссертатсияи доктории унвонҷӯ Ф.С. Мирзода дар маҷлиси кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, суратмаҷлиси №7, аз 18.02.2026 баррасӣ гардидааст. Дар муҳокима 17 нафар аъзои маҷлиси кафедра ва 2 нафар аъзои Шурои диссертатсионии 6D.КОА-104 дар назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Зокиров Гулмаҳамад Нозимович ва доктори илмҳои фалсафа Кахоров Гаюр Гафурович иштирок намуданд.

Кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи муҳокимаи диссертатсияи доктории Мирзода Фирӯз Сафаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва нақши он дар рушди устувори ҷомеаи муосири Тоҷикистон (таҳлили сотсиологӣ)» хулосаи зеринро қабул кард:

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи докторӣ** дар он ифода меёбад, ки барои рушди устувори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Ҳуқуқ, пеш аз ҳама, падидаи иҷтимоӣ мебошад, дар алоқамандӣ ба манфиату талаботҳои иҷтимоии шаҳрвандон пайдо шудааст ва барои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва рушди устувори ҷомеа хизмат менамояд. Институти иҷтимоӣ будани ҳуқуқ дар нақшу таъинот ва самтҳои таъсиррасонии он ба ҷомеа зоҳир мегардад.

Аҳаммияти ҳуқуқ дар ҷомеа ба иҷроиши вазифаҳои иҷтимоии он алоқамандӣ дорад. Ҳуқуқ муносибатҳои иҷтимоии байни одамонро ба танзим медарорад, барои қонеъ гардонидани талаботҳои иҷтимоӣ ва амалӣ гардидани манфиатҳои қонунии одамон шароити заруриро муҳайё мегардонад, назорати иҷтимоӣ ва ҷойивазкунии иҷтимоии шаҳрвандонро ба амал мебарорад ва дар маҷмуъ, рушди устувори ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеаро таъмин месозад. Ба воситаи ҳуқуқ зиддиятҳои харобиовари сохтори иҷтимоии ҷомеа аз байн мераванд, мувозинати манфиатҳои шаҳрвандон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ нигоҳ дошта мешавад ва бехатарии ҳаёту фаъолияти одамон таъмин мегардад.

Тоҷикистон дар самти татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ ва ташкили фазои мусоиди ҳуқуқӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Дар кишварамон санадҳои меъёрии ҳуқуқии зарурӣ ва босифат қабул шудаанд, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз беҳтарин конститутсияҳои сатҳи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Зиддиятҳои дохилии қонунҳо бартараф гардидаанд, дар самти баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва иҷтимоишавии ҳуқуқии шаҳрвандон тадбирҳои зарурӣ андешида шудаанд. Ботадриҷ мақому мартабаи намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҷомеа боло меравад ва эътмоди шаҳрвандон нисбат ба онҳо меафзояд.

Бо вуҷуди дастоварду муваффақиятҳо дар татбиқи вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ва амали самараноки он дар ҷомеа як қатор масъалаҳо ва монеаҳо вуҷуд доранд, ки таҳқиқоти фарогири сотсиологиро тақозо менамоянд. Махсусан, дар сатҳи пасти шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон, камбудиҳо дар иҷтимоишавии ҳуқуқӣ, дар байни намояндагони табақаҳои иҷтимоӣ паҳн гардидани нигилизми ҳуқуқӣ, коррупсия ва дигар зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ба иҷроиши самараноки вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ монеа мегарданд.

Мубрамии дигари мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи дар он зоҳир мегардад, ки ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ дар Тоҷикистон воситаи муҳимми эъмори ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандӣ эътироф гардидааст. Бунёди чунин ҷомеа дар баробари омилҳои дигар ба сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон ҳамбастагии қавӣ дорад. Маҳз бо ин мақсад дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид.

Бо назардошти масъалаҳои номбаршуда ва инчунин, мавҷуд набудани таҳқиқотҳои сотсиологӣ дар самти омӯзиши ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ мавзуи диссертатсияи доктории Мирзода Фирӯзи Сафаралӣ «Ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва нақши он дар рушди устувори ҷомеаи муосири Тоҷикистон (таҳлили сотсиологӣ)» мубрам буда, барои татбиқи самараноки сиёсати ҳуқуқии кишварамон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Диссертатсияи доктории довталаби дараҷаи илмӣ ба Нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки ба мавзуи илмии «Таҳлили сотсиологии омилҳои иҷтимоӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии рушди ҷомеаи баъдишуравии Тоҷикистон» бахшида шудааст, робита дорад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи докторӣ яке аз қисматҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мазкурро ташкил медиҳад.

Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи равиши сотсиологӣ омӯзишу таҳлил намудани моҳият, масъалаҳо ва нақши институти иҷтимоии ҳуқуқ дар рушди устувори ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошад. Муаллифи диссертатсия барои расидан ба мақсади гузоштташудаи худ иҷрои як қатор вазифаҳои муҳимро, мисли таҳқиқи асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши ҳуқуқ ҳамчун

институти иҷтимоӣ, баррасии ҳолат ва амали иҷтимоии ҳуқуқ дар марҳилаи гузариши ҷомеа, таҳлил намудани масъалаҳои раванди азнавсозӣ, баррасии вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, ошкор намудани ҳамбастагии татбиқи ҳуқуқ ва ташаккули синфи миёна, муайян намудани ҷойгоҳи ҳуқуқ дар барқароршавӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳқиқи масъалаҳои нигилизми ҳуқуқӣ ва омилҳои пешгирию бартараф намудани он, омӯзиши раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ҳамчун омили рушди маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва ғайраро ба нақша гирифта, иҷро намудааст.

Объекти диссертатсияи докторӣ ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ буда, мавзуъ ё предмети онро таҳлили масъалаҳои назариявӣ-методологии ҳуқуқ, вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ дар сохтори иҷтимоии ҷомеа, омилҳои татбиқи ҳуқуқ, таҳқиқи нигилизми ҳуқуқӣ, масъалаҳои ташаккули маърифати ҳуқуқӣ, ҳувияти ҳуқуқӣ ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии ҷомеаи муосири Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳангоми навиштани диссертатсияи докторӣ равишҳои сотсиологии функсионализми сохторӣ, назарияи низои иҷтимоӣ, позитивизм ва методҳои умумиилмии таърихӣ, диалектикӣ, муқоисавӣ, системавӣ, муқоисавӣ, шарҳдиҳӣ ва оморӣ васеъ истифода гардидаанд. Инчунин, барои муайян намудани вазъ, масъалаҳо ва нақши ҳуқуқ дар ҷомеа таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронида шудааст, ки методҳои асосии онро таҳлили ҳуҷҷатҳо ва пурсиши сотсиологӣ ташкил доданд. Ҳамзамон, дар раванди омода гардидани диссертатсияи докторӣ асарҳои классикони илмҳои фалсафа ва сотсиология, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мақолаҳои илмӣ, маводи сомонаҳои интернетӣ ва дигар сарчашмаҳои иттилоотӣ истифода гардиданд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки аввалин маротиба ҷанбаҳои иҷтимоии ҳуқуқ бо равиши таърихӣ ва

сотсиологӣ таҳқиқ гардида, вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон муайян, мушаххас ва шарҳ дода шудаанд. Муаллиф дар диссертатсияи доктории худ муайян намудааст, ки ҳуқуқ ирода ва талаботҳои халқро таҷассум намуда, тавассути иҷрои вазифаҳои иҷтимоии худ амният ва манфиатҳои шаҳрвандонро таъмин менамояд, барои рушди шахсият ва умуман, ҷомеа шароити мусоидро фароҳам месозад.

Муайян карда шудааст, ки ҳуқуқ муносибатҳои амудиро низ танзим намуда, тавассути азнавсозӣ, инъикоси фарҳанг ва ҳувияти миллӣ масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеаро ҳал карда метавонад. Муаллиф аввалин маротиба вазифаи ҷойивазнамоии иҷтимоии ҳуқуқ, ҳамбастагии синфи миёна ва ҳуқуқ, омилҳои иҷроиши вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ва қонунпазирии шаҳрвандонро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар диссертатсияи докторӣ бо равиши сотсиологӣ зуҳуротҳои номатлуби иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, махсусан, нигилизми ҳуқуқӣ баррасӣ гардида, дар заминаи таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ сабабҳои пайдоиш, доираи паҳншавӣ, роҳҳои пешгирӣ ва бартараф намудани онҳо муайян карда шудаанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ сатҳи рушди шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон муайян намуда, ҳолати иҷтимоишавии ҳуқуқиро нишон додааст. Барои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон тавсияҳои амалӣ пешниҳод карда шудаанд. Муаллиф ҳувияти ҳуқуқиро таҳқиқ намуда, ба хулосае омадааст, ки дар шароити омехташавӣ ва буҳрони ҳувияти ҷомеаи муосир барои ҳамгироии ҳувиятҳои мухталиф, бартараф намудани шиддати низоъҳои иҷтимоӣ-этникӣ ва нигилизми ҳуқуқӣ ҳувияти ҳуқуқии рушдёфта мусоидат карда метавонад.

Ихтисос ва номи мавзуъ ба муҳтавои диссертатсия ва шиносномаи ихтисоси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-104 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.4.3 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ (илмҳои сотсиологӣ) мутобиқат менамояд. Ҳамзамон, мавзуи диссертатсияи доктории мазкур мутобиқи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмҳои иҷтимоӣ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 2 монография ва 45 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 25 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда, инчунин, маърузаҳои муаллиф дар конференсиҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ тасвиб ва амалӣ шудаанд. Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсияи докторӣ ва автореферати он мутобиқат менамояд.

Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсияи доктириро барои таҳқиқи минбаъдаи ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва иҷроиши вазифаҳои иҷтимоии он, пешгирӣ ва бартараф намудани оқибатҳои иҷтимоии нигилизми ҳуқуқӣ, ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва дар маҷмуъ, татбиқи самараноки сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон васеъ истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, баланд бардоштани сифати  санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, корҳои илмӣ-таҳқиқотии ба мавзуъ алоқаманд, инчунин, дар фаъолияти омӯзгорӣ ҷиҳати таълими фанҳои тахассусии сотсиология татбиқ намудан мумкин аст. Инчунин, аз натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми таълими фанни «Сотсиологияи ҳуқуқ» ба донишҷӯёни кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон истифода мегардад.

Саҳми довталаби дараҷаи илмӣ дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок мегардад, ки муаллиф диссертатсияи доктории худро мустақилона ба анҷом расонидааст, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии ҷомеа тавсияҳои илман асоснокро пешниҳод намудааст. Ғояҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот бо дарназардошти натиҷаҳои назариявӣ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, маърузаҳо дар конференсияҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ дастоварди бевоситаи муаллифи диссертатсия мебошанд. Дар раванди омӯзишу таҳқиқи мавзуи диссертатсияи докторӣ муаллиф маводи зиёди илмӣ-назариявӣ ва таҳқиқотиро таҳлил кардааст, доир ба мавзуи диссертатсия шахсан таҳқиқотҳои сотсиологӣ гузаронида, натиҷаҳои онҳоро коркард ва таҳлил намуда, дар навиштани диссертатсияи доктории худ бомаврид ва самаранок истифода бурдааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи доктории Мирзода Фирӯз Сафаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва нақши он дар рушди устувори ҷомеаи муосири Тоҷикистон (таҳлили сотсиологӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.4.3. – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ (илмҳои сотсиологӣ) таҳқиқоти илмии мустақилона ва пурра анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз рӯйи мазмун, мундариҷа ва сохтори худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияҳои докторӣ ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-104 дар назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар маҷлиси кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шудааст. Дар маҷлис

кафедра 17 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 17 нафар; зид – нест; бетараф – нест. Суратмаҷлиси №7, аз 18.02.2026.

**Раиси маҷлис:** мудири кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои сотсиологӣ, дотсент **Султонзода Н.С.**

**Котиби маҷлис:** номзади илмҳои сотсиологӣ муаллими калони кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Муҳаммадқодири Н.**

**Имзои** Н.С. Султонзода ва Н. Муҳаммадқодирро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ **Шодихонзода Э.Ш.**

«23» «02» 2026.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
**E-mail:** tnu.int.re@gmail.com
**Веб-сайт:** www.tnu.tj
**Тел.:** (+992 37) 221-77-11; 221-47-96